# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш.Душанбе, к.Шевченко, 69, тел. ( 372 ) 221-18-35, факс (372) 2217525


## ФАРМОИШ

аз 02 02 соли 2018, № 90 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои татбиқи «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019»

Бо мақсади иҷрои банди 3 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020», ки 30 августи соли 2013, №1504 тасдиқ шудааст, мутобиқи банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №148 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ба муовини якуми вазир, муовинони вазир, ёрдамчии вазир сардорони раёсату шӯъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ, директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сардорони раёсатҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе супориш дода шавад, ки ҷиҳати татбиқи Нақшаи тасдиқгардида чораҳои зарурӣ андешанд.

3. Ба сардорони Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ, директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сардорони раёсатҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон,

вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, директорони муассисаҳои пешгирию табобатӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сартабибони беморхонаҳои марказӣ ва роҳбарони шабакаҳои муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳо супориш дода шавад:

а) ҷиҳати таъмин намудани иҷрои тадбирҳои дар «Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019» пешбинишуда нақшаҳои кории дохилиидоравиро тибқи тартиби муқарраргардида барои ҳар ду сол таҳия ва тасдиқ намуда, корҳои фаҳмондадиҳиро оид ба дарки моҳият ва ҳадафҳои ин санади миёнамӯҳлати барномавӣ дар байни кормандон ба таври васеъ ба роҳ монанд;

б) оиди иҷрои «Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019» ба Шӯъбаи ҳуқуқи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар семоҳа ахборот ирсол намоянд.

4. Сардори Шӯъбаи ҳуқуқ дар якҷоягӣ бо сардори Шӯъбаи аудити дохилии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Рабиев Ш.М., Назриев Б.Б.) мониторинги ҳолати «Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019»-ро гузаронида, аз натиҷааш ба роҳбарияти вазорат ахборот пешниҳод намоянд. Мӯҳлат мунтазам.

5. Ба сардори Шӯъбаи назорат, коргузорӣ ва корҳои махсус (Замунов А.Қ.) супориш дода шавад, ки фармоиши мазкурро нусхабардорӣ намуда, тибқи рӯйхат ба муассисаҳои системаи вазорат дастрас намояд. Мӯҳлат 10 рӯз.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир Умарзода С.Ғ. гузошта шавад.

Вазир Н. Олимзода

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН · МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН · БАРОИ ФАРМОИҲО · ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ

*Замима ба фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «12» 02 с.2018, № 90*

# НАҚШАИ
# ЧОРАБИНИҲОИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2018-2019

| Р/Т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсад (натиҷаи маъмули) -и дар назар дошта шуда | Мӯҳлати иҷро | Иҷрокунандаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Таҳияи барномаи соҳавии зиддикоррупсионӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва нақшаи чорабиниҳои он | Иҷрои босифати Стратегия | Соли 2018 | Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ,Агенти давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| 2. | Назоратбарӣ ва баррасии даврии ҷараёни иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Стратегия, барнома ва нақшаҳои чорабиниҳои идоравӣ, санҷишу таҳлили иҷрои онҳо, дар асоси иттилооти соҳа пешниҳод намудани ҷамбасти солона | Назоратбарӣ ва таъмини мониторинги Стратегия баҳри истифодаи натиҷагирии марҳилавии таҷрибаи барномаҳои миллӣ ва соҳавӣ, муҳокимаи назоратбарии ҷамъбасти марҳилавӣ | Ҳар семоҳаи солҳои 2018-2019 | Шӯъбаи ҳуқуқ дар якҷоягӣ бо гурӯҳи доимоамалкунандаи вазорат |
| 3. | Дар ҳолати зарурият дар асоси шартномаи меҳнатӣ ҷалб намудани собиқадорони ба синни нафақа расидаи соҳаҳои хизмати давлатӣ ба сифати мутахассис – машваратчӣ | Ҷалби кадрҳои баландихтисоси масъул бо мақсади пешгирии «ихроҷи иқтидори зеҳнӣ» | Солҳои 2018-2019 | Раёсати таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илм |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4. | Гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсиони санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва ба ин васила ошкор намудани омилҳои ба оррупсия мусоидаткунанда. | Таъмини шаффофияти раванди қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазорат | Доимӣ | Шӯъбаи ҳуқуқ, Шӯъбаи аудити дохилӣ, гурӯҳи кории доимоамалкунанда |
| 5. | Пешгирии ҳолатҳои хароҷоти ғайриқонуни маблағҳо, вайронкунии интизоми молиявӣ дар ҳамаи сатҳҳо мувофиқи муқарарроти дахлдори Стратегияи миллии рушд то соли 2018 ва барномаҳои рушди низоми бонкӣ, пешгирии коррупсия дар соҳаи молия ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки пешгирии корупсия | Пешгирии ҳолатҳои корупсионӣ дар муасиссаҳои соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | Солҳои 2018-2019 | Раёсати иқтисодӣ ва банақшагирии буҷети соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Шӯъбаи аудити дохили |
| 6. | Истифодаи васеи воситаҳои ахбори омма дар самти тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ, инчунин нашр ва муҳокимаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ марбут ба коррупсия | Ташаккули фазои оштинопазирӣ ба коррупсия ва таъмини иштироки васеи кормандони соҳа дар муҳокимаҳои масоил марбути коррупсия | Солҳои 2018-2019 | Маркази матбуот, Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим |
| 7. | Ҷалби ташкилотҳои ҷамъияти дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқи ва барномаҳои зиддикоррупсиони соҳавӣ | Фароҳам овардани заминаҳои номусоид барои шафоффият ва роҳ надодан ба манфиатҳои гурӯҳи ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | Солҳои 2018-2019 | Раёсати ислоҳот, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва робитаҳои байналмиллалӣ, гурӯҳи доимоамалкунандаи вазорат, Шӯъбаи ҳуқуқ |
| 8. | Мониторинги ислоҳоти дастгирии иҷтимоӣ ва музди меҳнати кормандони тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ба самъи онҳо расонидани натиҷаҳо ва мавриди муҳокимаи | Таъмини сатҳи зиндагии арзандаи кормандони тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ҷиҳати пешгирии коррупсия | Солҳои 2018-2019 | Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Раёсати иқтисодӣ ва банақшагирии буҷети соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии давлатии |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | васеъ қарор додани тақвияти ислоҳот байни муассисаҳои соҳа | | | ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| 9. | Мукаммалсозии сандҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ ва бойгонӣ, гузариш ба шаклҳои электронӣ нигоҳдории онҳо, ҷиҳати амалсозии ин мақсадҳо ба роҳ мондани хариди техникаи махсуси нусхабардор, ки таввасути он дар бойгониҳо ҳуҷҷатҳои барои нигоҳдорӣ супоридашуда нусхабардорӣ гардида, ба феҳристи ягонаи электронӣ ворид карда мешаванд | Таъмини беосеб нигоҳ доштани китобҳои муҳосибавӣ ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва дигар маводҳо, гузариши марҳилавӣ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоби муҳосибӣ | Солҳои 2018-2019 | Шӯъбаи баҳисобгирӣ ва муҳосибот, Раёсати иқтисодӣ ва банақшагирии буҷети соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Раёсати ислоҳот, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва робитаҳои байналмилалӣ, Шӯъбаи назорат, коргузорӣ ва корҳои махсус |
| 10. | Пешбинӣ намудани низоми электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба мансабҳои холии хизмати давлатӣ , ташаккули механизми назорати риояи талаботи тахасусӣ | Ба хизмати давлатӣ ҷалб намудани мутахасисони кордону боистеъдод мутобиқи қобилият, малакаи касбӣ ва таҷрибаи кор | Солҳои 2018-2019 | Раёсати таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ сиёсати кадрҳо ва илм Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти давлатии ташхису тиббии иҷтимоӣ, Агенти давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| 11. | Таъсис ва ҷорӣ намудани сервери «Ҳукумати электронӣ» ҷиҳати ба роҳ мондани мубодилаи фаврии иттилоот байни мақомоти давлатӣ ҷорӣ намудани гардиши ҳуҷҷатгузории электронӣ. Таъсиси маркази ягонаи ҳамоҳангсозӣ ва | Соддагардони мубодилаи фаврии иттилоот байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ | Солҳои 2018-2019 | Раёсату шӯъбаҳо, Шӯъбаи назорат, коргузорӣ ва корҳои махсуси вазорат дар якҷоягӣ бо сармутахассиси соҳавии вазорат ва муассисаҳои зертобеъ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | шинохт дар системаи «Ҳукумати электронӣ» | | | |
| 12. | Пешбинӣ намудани вазифаи ҷаъоварии маълумоти зарурӣ зимни баррасии мурочиати шаҳрвандон аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ | Таъмини иҷрои муқаррароти «Консепсияи ҳукумати электронӣ» | Солҳои 2018-2019 | Шӯъбаи назорат ,коргузорӣ ва корҳои махсус, Раёсати таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ сиёсати кадрҳо ва илм |
| 13. | Ҷорӣ намудани видеокамераҳо дар толорҳои баргузории озмунҳо ва имтиҳонҳои қабули довталабон ба муассисаҳои олии касбӣ, озмӯнҳо барои ишғоли мансаби хизмати давлатӣ гузаронидани тендерҳо | Таъмини шаффофият ва истифодаи имкониятҳои «Ҳукумати электронӣ» барои пешгирии коррупсия ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ | Солҳои 2018-2019 | Муассисаҳои табобатию профилактики таълими ва илмӣ, муассисаҳои давлатии таълимӣ |
| 14. | Тақвият додани ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ бо ассосиатсияҳои соҳибкорон дар идоракунии давлатӣ | Ҷиҳати иҷрои барномаҳои нақшавӣ ва дурнамоиҳои дарозмӯҳлати (стратегии) давлатӣ ҷалб намудани бахши хусусӣ | Солҳои 2018-2019 | Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 15. | Андешидани тадбирҳои маҷмӯии ҳавасмангардонии сармоягузориҳои хориҷию ватанӣ ба истеҳсолоти ватанӣ, интишори ахборот оид ба рафти иҷрои қарордодҳои сармоягузорӣ | Ҷалби самарабахши сармоягузориҳо ба иқтисодиёти миллӣ ва таъмини шаффофияти бастани қарордодҳо бо ширкатҳои хориҷӣ | Солҳои 2018-2019 | Раёсати ислоҳот, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва робитаҳои байналмилалӣ, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| 16. | Тащкил намудани марказҳои байниидоравии илмию тадқиқоти дар назди Донишкадаи такмили хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи генералӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо, ва ташкилотҳои Вазорати адлия | Таҳияи барномаҳо ва ташкили курсҳои зидди коррупсионӣ барои гурӯҳои алоҳидаи хизматчиёни давлатие, ки ба хавфи коррупсия бештар гирифтор мебошанд | Соли 2018 | Раёсату шӯъбаҳои вазорат, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агенти давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| 17. | Нашри ҳисобот оид ба иҷрои буҷети соҳа ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҷорӣ намудани шакли гайринакдии ҳисоббоиробаркуниҳои пардохтҳо таввасути терминалҳои электронии пардохти хизматрасониҳо | Таъмини шаффофияти хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва амалӣ намудани лоиҳаҳои инвеститсионӣ | Солҳои 2018-2019 | Раёсати иқтисодӣ ва банақшагирии буҷети соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Шӯъбаи баҳисобгирӣ ва муҳосибот, Агенти давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 18. | Ташкили курсҳо ва семинарҳо барои кормандони Шӯъбаи аудити дохилӣ оид ба масъалаҳои аудити дохилӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ | Баланд бардоштани савияи донишҳои касбӣ | Солҳои 2018-2019 | Шӯъбаи аудити дохилӣ, Раёсати ислоҳот , кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва робитаҳои байналмилалӣ, Шӯъбаи баҳисобгирӣ ва муҳосибот |
| 19. | Бастани шартномаҳои ҳамкории илмию амалӣ ва истеҳсолӣ байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муассисаҳои таълимии соҳа | Мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ, пайвастани илму таҳсилот бо амалия ва пешгирӣ намудани омилҳои бавуҷудовардаи ҳолатҳои коррупсионӣ дар раванди таълим | Солҳои 2018-2019 | Раёсати таҳсилоти тиббию фарматсефтӣ, сиёсати кадрҳо ва илм, Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» Муассисаи давлатии таълими «Колеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ»ва колеҷҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ |
| 20. | Таҳия ва тасдиқи методологияи ҳамоҳангсозии буҷети мақсадноки буҷети давлатӣ, Барномаи суғуртаи хизматрасонии тиббӣ, стандартҳои марказонидашудаи муқарраргаштаи ташхисӣ ва нигоҳубини беморон, такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати рушди танзими барномавӣ ва накшавӣ | Пешгирии коррупсия дар соҳаи  тандурустӣ, таҷрибаи муваффақи хориҷӣ дар раванди таҳлили зиддикоррупсионӣ | Соли 2018 | Раёсати иқтисодӣ ва банақшагирии буҷети соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Раёсати ислоҳот, кӯмаки авалияи тиббию санитарӣ ва робитаҳоибайналмилали, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 21. | Такмил додани Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №600 тасдиқ шудааст | Пешгирии коррупсия дар соҳаи тандурустӣ бо назардошти таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷи | Солҳои 2018-2019 | Раёсати иқтисодӣ ва банақшагирии буҷети соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимои аҳолӣ |
| 22. | Мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи тандурустӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» | Ҳифзи генофонди миллат ва амалзозии талаботи Консепсияи амнияти озуқаворӣ | Соли 2018 | Раёсату шӯъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат |
| 23. | Таҳлили фаъолияти муассисаҳои фарматсевтӣ, бо мақсади беҳтарсозии дастрасии иқтисодии маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ мувофиқ ба стандартҳои байналмилалӣ | Пешгирӣ намудани воридоти доруҳои бесифат, мӯҳлаташон гузашта, ғайристандартӣ ва манъи тесткунонии такрории маводи доруворӣ воридотӣ | Соли 2018 | Раёсати фарматсия ва молҳои тиббӣ, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| 24. | Дар барномаҳои таълимӣ курсҳои такмили ихтисоси кормандони тандурустӣ ва иҷтимои ворид намудани мавзӯъҳо оид ба муқовимат бо коррупсия | Ташаккули мафкураи зиддикоррупсионӣ дар байни кормандони соҳа ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии кормандон дар ҷараёни мубориза ва муқовимат бо коррупсия | Соли 2018 | Раёсати таҳсилоти тиббию фамасевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илм, Раёсати ҳифзи иҷтимои аҳолӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 25. | Ташкил ва баргузор кардани мизҳои мудаввар ҷиҳати муаян намудани омилҳои ба пайдоиши коррупсия мусоидаткунанда ва дарки хафи оқибатҳои номатлуби коррупсия аз ҷониби кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ мунтазам гузаронидани вохӯриҳо | Ташакулли мафкураи зиддикоррупсионӣ дар байни кормандони соҳа ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии крмандон дар ҷараёни мубориза ва муқовимат бо коррупсия | Солҳои 2018-2019 | Раёсати ислоҳот, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва робитаҳои байналмилалӣ, Раёсати таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илм |
| 26. | Гузаронидани баҳодиҳӣ самаранокии фаъолияти хизматчиёни давлатии соҳа | Ба хизмати давлатӣ ҷалб намудани мутахассисони кордону боистеъдод мутобиқи қобилият, малакаи касбӣ ва таҷрибаи кор | Солҳои 2018-2019 | Раёсати таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илм, раёсату шӯъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат |
| 27. | Ба роҳ мондани омӯзиши иловагии қонунгузории зиддикоррупсионӣ, ташкили курсҳои таълимӣ барои хизматчиёни давлатии соҳа оид ба риояи одоби хизматӣ, тақвият бахшидан ба раванди муқовимат бо коррупсия | Пешгирии коррупсия дар байни хизматчиёни давлатӣ | Солҳои 2018-2019 | Раёсати таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илм, Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| 28. | Гузаронидани санҷиш ва назорати иҷрои Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 бо мақсади | Таҳияи тавсияҳо барои бартараф кардани зуҳуроти амалҳои коррупсионӣ | Солҳои 2018-2019 | Шӯъбаи ҳуқуқ, Шӯъбаи аудити дохилӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | пешгирии хавфи коррупсия дар муассисаҳои системаи вазорат | | | |
| 29. | Ташкили курсҳои махсуси такмили ихтисоси кормандони Бахши хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии Раёсати фарматсия ва молҳои тиббӣ ҷиҳати амалӣ кардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хариди давлатӣ ва риояи меъёрҳои одоб дар ин соҳа | Таъмини таълими мунтазами кормандони Бахши хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии Раёсати фарматсия ва молҳои тиббӣ оид ба масъалаи қонунгузории амалкунанда дар соҳаи хариди давлатӣ ва риояи меъёрҳои одоб | Солҳои 2018-2019 | Раёсати фарматсия ва молҳои тиббӣ, Раёсати ислоҳот, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва робитаҳои байналмилалӣ |
| 30. | Манзур намудани пешниҳодҳо ҷиҳати такмили фаъолияти аудити дохилии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани савияи дониши мутахассисони пешбарандаи ҳисоботи молиявию хоҷагидор дар доираи стандартҳои байналмилалии молиявӣ ҳангоми қабул ва бакортаъминкунии онҳо | Такмил додани маводҳои таҳлилӣ ва тавсияҳое, ки ҷиҳати бартараф намудани сабабу омилҳои мавҷудаи ба коррупсия ва тасарруф мусоидаткунанда дар соҳаи идоракунии маблағҳои давлатӣ пешниҳод карда мешавад | Солҳои 2018-2019 | Шӯъбаи аудити дохилӣ, Раёсати иқтисодӣ ва банақшагирии буҷети соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Раёсати ислоҳот, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва робитаҳои байналмилалӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 31. | Гузаронидани таҳлили интихобии хаффи коррупсия дар соҳаҳои идоракунии давлатии дорои эҳтимолияти афзоиши хавфи коррупсия | Таҳияи тавсияҳо барои бартараф кардани зуҳуроти амалҳои коррупсионӣ | Солҳои 2018-2019 | Шӯъбаи аудити дохилӣ дар якҷоягӣ бо гурӯҳи кории доиммоамалкунанда |